**Тақриз**

**ба рисола ва автореферати номзадии Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дар мавзуи «Масъалаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - пегагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

Бояд зикр кард, ки рисола ва автореферати он ба масъалаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таърих кишваршиносӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлил, таҳқиқ ва баррасии маводҳои мавҷудаи илмӣ, педагогӣ, психологӣ ва таҷрибаи пешқадами омӯзгорон рисоларо роҳандозӣ намуда фикру андешаҳои худро такя ба нишондодҳои таҳқиқот, мушоҳидаҳо ва суҳбатҳо мувофиқи мақсад, вазифаҳо ва фарзияву қазияҳо пешниҳод кардашуда арзёби намудааст, ки онҳо ба нақшаи кории рисола мувофиқат мекунанд.

Муҳиммияти мавзӯи тадқиқоти мазкур дар он аст, ки интихоби мавзуи мазкур аз он ҷиҳат ҳам муҳим аст, ки Ба ҳамагон маълум аст, ки тарбияи ватандӯстӣ ва хештаншиносии шахсӣ ҳамчун падидаи мусбат ба ахлоқ ва шуури инсонҳо таъсиргузор мебошад. Асосан, шуури ватандӯстӣ дар заминаи маърифати амиқи арзишҳои милливу давлатдорӣ, арҷгузорӣ ба заҳмати ниёгон, иззату эҳтироми инсонҳо, саҳму талош варзидан дар ҷараёни корҳои бунёдкориву созандагӣ, ки махз дар масири дарозои таърихи ғании миллатамон ба вуҷуд омадаву шакли муайян гирифтааст, фаҳмида мешавад. Хислатҳои инфиродии шахс низ маҳз ба ин омилҳо иртибот дошта, ба пайравӣ аз корҳои шоистаи ниёгон ва тарбияи худогоҳии шахс мусоидати фаъол мекунанд.

Тарбияи ватандӯстӣ маънои дар хонандагон тадриҷан ва устуворона ташаккул додани меҳру муҳаббат нисбат ба Ватанро дорад. Ватандӯстӣ яке аз хусусиятҳои муҳимтарини шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта

маҳсуб меёбад. Дар мактаббачагон бояд ҳисси ифтихор нисбат ба Ватан ва халқи худ, эҳтиром нисбат ба корнамоиҳои бузург ва саҳифаҳои шоёни гузаштаи худ ташаккул ёбад. Ҳамаи гуфтаҳои боло мубрамияти мавзӯи диссертатсионии интихобшударо асоснок карда, арзиши илмӣ ва моҳияти амалии онро тасдиқ менамоянд.

Мо метавонем арзишмандии рисолаи таҳқиқоти мазкурро ба таври зайл арзёбӣ намоем:

Муҳаққиқ мақсади таҳқиқот, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот ва фарзияи таҳқиқотро дуруст муайян намуда, дар асоси онҳо вазифаҳои таҳқиқотро пешниҳод кардааст.

Нововарии илмии кори таҳқиқоти муҳақиқ дар он ифода меёбад, ки дар илми педагогикаи тоҷик омӯзишу таҳлили ташаккули эҳсоси ватандӯстиву худогоҳии хонандагони синфҳои болоӣ дар заминаи осору таҷрибаи амиқи ниёгон ва бо дарназардошти падидаҳои замони муосир мушаххас гардида, самтҳои афзалиятнок дар ин ҷода муайян шуданд. Инчунин моҳият, мазмун ва хусусиятҳои тарбияи меҳанпарастии донишомӯзони синфҳои болоӣ бо такя ба осори таърихӣ ва маҳалли зисти хонандагон дар машғулиятҳои синфӣ ва фориғаздарсӣ ва умури эҷодии онҳо тасбит намуд, ки ин қабил фаъолиятҳо мунҷар ба боло рафтани худшиносии донишомӯзон ва меҳанпарастии онҳо хоҳад шуд. Муҳтаво ва мундариҷаи возеҳу равшан, шаклу равишҳои тадрис, ки боровари раванди тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути фанни кишваршиносӣ дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлолро таъмин мекунанд, дар амалияи корҳои тарбиявӣ ва корҳои фориғаздарсӣ асоснок ва ба таври таҷрибавӣ санҷида ва пешниҳод шудаанд

Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар охири ҳар як боби рисола хулосаи мантиқии маводи илмии таҳлилу баррасишуда ҷамъбаст карда шудааст. Хулосаи умумӣ ва

тавсияҳои методии пешниҳодшуда ба мақсаду вазифаҳои таҳрезишуда мувофиқат менамоянд.

Мазмуни автореферат ва маводҳои нашршуда ба мазмуни рисолаи таҳқиқотӣ мувофиқат менамояд.

Бояд зикр намуд, ки забон ва услуби баёни маводҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бо меъёри забони адабии тоҷикӣ ҷавобгӯ мебошад.

Кори таҳқиқотии мазкур аз мавқеи муҳимият, ҷиҳати масъалагузорӣ ва баррасию баёни андеша ниҳоят бою ғанӣ, фаҳмо, раво ва устокорона иҷро карда шудааст.

Мехостам, чанд сухан оиди сифатҳои муҳаққиқӣ, касбӣ ва шахсии шогирд сухан гӯям. Саиднуриддинзода А. С. дар ҳайси омӯзгори кафедраи методикаи таълими таърих фаъолият бурда, дар давоми фаъолияти педагогиаш соҳиби таҷрибаи хуби омӯзгорӣ гардидааст. Дар давраи фаъолияташ дар ҳайси унвонҷӯи кафедраи педагогикаи МДТ "ДДБ ба номи Носири Хусрав" Саиднуриддинзода А. С. ба таҳқиқоти илмиаш муносибати хеле масъулона ва ҷиддӣ зоҳир намуда, сифатҳои назарраси суботкорӣ, эҷодкорӣ, сермасъулиятӣ, мустақилиятнокӣ, қобилият ва истеъдоди хуби таҳқиқотиро нишон дод. Дар ин давра аз тарафи ӯ бо баробари бурдани таҳқиқоти назариявию таҷрибавӣ, ба навиштан, таҳия ва чоп кардани мақолаҳои илмӣ, омода намудани маърӯзаю баромадҳо дар конференсияҳои илмӣ ва семинарҳои кафедра эътибори ҷиддӣ дода мешуд. Натиҷаи ин муносибат буд, ки аз тарафи ӯ дар асоси маводҳои таҳқиқотиаш 11 мақола дар нашрияҳои педагогӣ чоп гардиданд, ки 6-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгашта нашр гардидаанд. Дар асоси гуфтаҳои болоӣ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки Саиднуриддинзода А. С. ҳамчун муҳаққиқи фаъол, эҷодкор, мустақил, кордон ва соҳибкасб ташаккул ёфтааст ва чун омӯзгор дорои сифатҳои хуби касбӣ-педагогӣ, чун шахсият соҳиби ахлоқи баланди ҳамида буда,

дар байни аҳли ҷомеаи устодон ва донишҷӯён соҳиби обрӯю эътибор гаштааст.

Рисолаи илмии Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дар мавзуи «Масъалаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таърихи кишваршиносӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба ҳимоя намудан тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи забон ва адабиёти руси
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав: Ашурова Шаҳло Кулобиевна

29.04. 2024 с.

Суроға: 734051, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кучаи Айнӣ, 67.
Тел. мобилӣ + (992) 901-06-03-30.
E-mail: ashurova-shahlo @mail.ru

Имзои Ашурова Ш. К.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори ШК ва корҳои махсус
ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

29.04. 2024 с.